**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Абдуллочони Ҳамрохон дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот**

Ҷомеаи соҳибистиқлоли мо дар назди омӯзгорон, аз ҷумла, омӯзгорони тарбияи ҷисмонии муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бо қатъият вазифаи дар руҳияи хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ва ватандӯстӣ тарбия намудани хонандагонро гузоштааст.

Соҳаи тарбияи ҷисмониро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун самти афзалиятнок эътироф карда, барои рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, оммавӣ гардонидани он, тайёркунии варзишгарони касбӣ ҷиҳати иштирок дар чорабиниҳои варзишии бонуфузи байналмилалӣ рӯз аз рӯз шароити беҳтару хубтар муҳайё карда истодааст.

Таълими фанни тарбияи ҷисмонӣ, ҷалби одамон ба варзиши бадан ва солимгардонӣ дар сикли фанҳои педагогӣ мавқеи хоса дошта, баррасии масъалаҳои вобаста ба ин самт дар илми педагогика дорои аҳамияти назариявӣ ва амалӣ мебошад.

**Мақсади таҳқиқот**. Мақсади таҳқиқоти рисолаи илмӣ таҳияи механизми самараноки таълиму тарбияи ҷасмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ ҷиҳати болобарии сатҳи тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ мебошад.

**Навгонии илмии таҳқиқот:**

- муҳимтарин самтҳои асосии таълим ва тарбияи ҷисмонии насли наврас дар ҷомеаи имрӯза бо баҳисобгирии андешаҳои олимони ватанию хориҷӣ муайян карда шуданд;

- нақши омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ дар ташаккули тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва механизми ташкили тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбии хонандагон муайян карда шуд;

- афкори муайяни педагогии олимон оид ба тарбияи худогоҳии миллӣ ва ватандӯстии ҷавонон омӯхта шуда, роҳу усулҳо ва методикаи тайёр кардани насли оянда дар самти тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстӣ дар шароити муосир муайян карда шуд;

- самтҳои асосии фаъолияти муштараки омӯзгорони тарбияи ҷисмонӣ ва омодагии дифои ҳарбӣ бо хурдсолон ва калонсолон дар раванди таълим муайян карда шудаанд.

Таълим ва тарбияи маданияту маърифати ҳарбию ватандӯстӣ бо тамоми низоми таълиму тарбия дар самту соҳаҳои мухталифи маориф тавъам аст. Тарбияи ҳарбӣ-ватандӯстиӯӣ - технологияи маърифатие шуда мондааст, ки таъйиноти дугона дорад, чаро ки бо дастрасии тамоми шаклу навъҳо шаҳрванди ҷавонро бо сифатҳои ахлоқию маънавӣ ва психологии муҳимтарин мусаллаҳ гардонида, дар маҷмӯъ аксари наврасону ҷавононро барои ҳифзу ҳимояи давлату Ватан ҷиддан омода менамояд.

Мардонагию ҷавонмардӣ, футувват, усутувории ахлоқ, обутоби ҷисмонӣ барои тамоми ҷавонон зарурати воқеист. Дар низоми МТМУ наврасон нахустин тамоюлҳои касбию касбиятиро фаро мегиранд. Бо аввалин донишу малакаҳо дар самту соҳаҳои низоми ҳарбию низомӣ ошноӣ пайдо мекунанд. Аз ин мавқеъ, азхудкунии воқеию амалии техника ва лавозимоти ҷангию ҳарбӣ хеле осонтару мувофиқтар мегардад, агар наврасону ҷавонон дар ибтидо то андозаи зарурӣ маданияту маърифати ҳарбию ватандӯстӣ дошта бошанд ва бо таъриху сарнавишти ниёгону қаҳрамонони миллии худ ва кору пайкор ва корнамоиҳои онҳо дар давру замонҳои мухталиф ошно шаванд, пас дар ҳолати пеш омадани мушкилӣ ва сар задани ҳаводиси нангин ва даъвати

эшон аз ҷониби гурӯҳҳои ифротӣ, душманону аҷнабиён ҳимоятгар хоҳанд шуд.

Ҳамин тавр, автореферати диссертатсияи Абдуллоҷони Ҳамрохон дар мавзуи «Асосҳои педагогии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва ҳарбӣ-ватандӯстии хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот ба талаботи Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267 аз 30.06.2021 тасдиқ карда шудааст, ҷавобгӯй буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот мебошад.

**Тақриздиҳанда,**
мудири кафедраи технологияи барномасозӣ
ва зеҳни сунъии Донишкадаи технология ва
менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб,
номзади илмҳои педагогӣ, и.в. дотсент: Шарипов Бегиҷон Рамазонович

**Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, маҳаллаи Борбад, телефон: 985531122, E-mail: kulob-boston-2014@mail.ru

“Имзои Шарипов Б.Р.-ро тасдиқ мекунам”

Сардори шуъбаи кадрҳо ва коргузории Муассисаи давлатии таълимии Донишкадаи технология ва менеҷменти инноватсионӣ дар шаҳри Кӯлоб. Шокиров Қ.Б.

17.02.2025